# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзуи «Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар раванди таълими осори классикон (дар заминаи эҷодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Ҷомӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.**

**Муҳимии мавзуи таҳқиқот.** Муҳимии мавзуи диссертатсонӣ бо тағйирот ва талаботҳое, ки дар низоми муосири маорифи ҷумҳурӣ ба вуқуъ омадааст робитаи ногусастанӣ дорад, зеро аз сифати сиёсат дар соҳаи маориф, некӯаҳволии миллат, давлат, сатҳи рушди соҳаҳои иқтисодиёт, фарҳанг, ҷомеа ва сиёсат алоқаманд мебошанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон маорифро яке аз самтҳои афзалиятнок эътироф намуда, дар ин самт пайваста таваҷҷуҳ ва тадбирҳои хоса натиҷаҳои дилхоҳ дода истодаанд. Масалан, рӯйи кор омадани Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2006), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” (2011) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” (2013) ва дигар барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, маҷмӯан, соҳаи маорифи Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Дар ҷомеаи муосир яке аз шартҳои пешрафти давлат, рушди инсонгароёна ва демократикунонии ҷомеа дар баробари босаводу бомаърифат тарбия намудани насли наврас ба ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии онҳо низ вобастагии қавӣ дорад.

Бояд гуфт, ки дигаргуниҳои иҷтимоии даҳсолаи охири қарни XX ва оғози садаи XXI инкишофи вазъияти номусоидро дар аксари соҳаҳои муносибатҳои иҷтимоӣ ба амал овард ва мафҳуми таҳаммулпазирӣ дар замони муосир аҳамияти бештар касб намуд. Моҳияти асосии он дар Эъломияи принсипҳои таҳаммулпазирӣ, ки бо имзои 185 намояндаи давлатҳои аъзои ЮНЕСКО 16-уми ноябри соли 1995-ум қабул гардида буд, инъикос ёфтааст. Аз ин лиҳоз, ташаккул ва рушди таҳаммулпазирӣ дар замони муосир чун яке аз роҳҳои рафъи ҳар гуна парокандагӣ мавкеи аввалиндараҷа касб мекунад.

Дар шароити муосир зарурати истифодаи технологияи муосири таълиму тарбия, бознигарии шакл, методу воситаҳои таълим ба миён меояд. Дар ин маврид на танҳо оид ба технологияҳои нави иттилоотии

таълим, балки дар бораи методҳои дар марҳилаи имрӯзаи ислоҳоти маориф мубраме низ сухан меравад, ки ба ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон махсуб мешавад.

Мазмун ва мундариҷаи кори диссертатсионии Бобоева И.А. ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқ аст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб бо фаслҳо, хулосаҳои бобҳо, хулосаи асосӣ, феҳристи адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Бобоева И.А иборат аст. Дар муқаддима мубрамии муаммои таҳқиқшаванда асоснок гардида, объект, предмет, ҳадаф, фарзия, вазифаҳои он муайян шудаанд, асосҳои методологӣ, марҳалаҳо ва методҳои таҳқиқот таъйин шуда, навоварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд.

Дар боби якуми рисола "Асосҳои педагогиву психологии ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ ва нақши он дар тарбияи хонандагони синфҳои V-VII" ҷанбаҳои назариявии таҳаммулпазирӣ дар фарҳангҳо, ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ ва осори муҳаққиқон; таҳлили адабиёти илмӣ ва педагогиву психологӣ оид ба мавзӯи тадқиқот; инъикоси ҷанбаҳои назариявии таҳаммулпазирӣ дар барнома ва китоби дарсӣ мавриди таҳқиқ гардидааст.

Дар боби дуюм "Вижагиҳои педагогии ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар хонандагони синфҳои V-VII" масъалаҳои ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар асоси осори ахлоқӣ-педагогии ниёгон; озмоиши муқарраркунӣ ва нақши он дар бобати муайян намудани сатҳи хислати таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII; озмоиши таълимӣ ва нақши он дар бобати таъмини роҳу усулҳои самарабахши тарбияи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шуда, бо мақсади муайян намудани роҳу воситаҳои самаранокии технологияи ташкили таълимӣ ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ баргузор ва натиҷагирӣ карда шудааст.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронида шуда муаллиф ба чунин навгонии илмии таҳқиқот соҳиб гардидааст, ки дар нуктаҳои зерин ифода ёфтаанд:

- бори аввал тавассути таълими адабиёти тоҷик дар курси хониши адабӣ масъалаи ташаккул ва рушди тарбияи таҳаммулпазирӣ дар ниҳоди хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст;
- азбаски асоси барнома ва маводи китобҳои дарсии адабиёти

тоҷики синфҳои V-VII-ро осори классикони маъруфи форсу тоҷик ташкил дода, ин намунаҳо дорои мазмунҳои баланди пандуахлоқӣ мебошад, коркард ва баррасии нуктаҳои марбут ба тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон сурат гирифтааст;

- на танҳо аз хусуси роҳу усулҳои дар хонандагони синфҳои V-VII тарбия намудани хислатҳои таҳаммулпазирӣ мулоҳизаронӣ шудааст, балки доир ба аҳамият ва зарурати соҳиб будани омӯзгорони фанни адабиёти тоҷик ба хислатҳои таҳаммулпазирӣ низ изҳори ақида гардидааст;

- аз рӯйи анъана озмоиши таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи озмоишӣ бояд пас аз як соли гузаронидани озмоиши муқарраркунӣ, яъне нимсолаи дуюми соли таҳсили 2019-2020 ташкил карда мешуд. Маводи зарурӣ барои ташкили машғулиятҳо ва чорабиниҳои беруназсинфӣ пурра таҳия гардида, аз оғози соли таҳсил (моҳи сентябри соли 2019) аксар чорабиниҳои мактабӣ: дарсҳои кушод, маҳфилҳои фарҳангӣ, гузаронидани Ҳафтаи забон ва адабиёти тоҷик бо ҳамкории муаллимони фанни адабиёт ва мудирони китобхонаҳои мактаб гузаронида шуданд. Дар ин навъ чорабиниҳо забоншиносону адабиётшиносон аз МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" даъват гашта, маслиҳатҳои судманд пешниҳод намуданд.

Давра ба давра хонандагони синфҳои V-VII ва омӯзгорони фанни адабиёти ҳамин синфҳоро назорат кардем.

- ниҳоят, маҳз бо мақсади муайян намудани сатҳи ташаккул ва рушди тарбияи хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли синфҳои V-VII ташкил ва гузаронидани чи озмоиши муқарраркунӣ ва чи озмоиши таълимӣ ва баррасии натиҷаҳои бадастомада навгонии навбатии тадқиқоти мо маҳсуб меёбад.

Ба таври умум, унвонҷӯ дар асоси таҳлили теъдоди васеи адабиётҳои педагогию психологӣ доир ба муаммои таҳқиқшаванда тибқи дидгоҳи муосири илмӣ имкон пайдо кардааст, то ки моҳият, хусусиятҳои раванд ва шароитҳои самараноки татбиқи таълими ба сатҳи ташаккул ва рушди тарбияи хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар синфҳои V-VII- ро ба таври амиқ таҳқиқ намояд ва хулосаҳои ҷолиби диққатро коркард намояд.

Дар қисмати ҷамъбастии рисола натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, тавсияҳои мушаххас ва боэътимод оид ба самаранокии

сатҳи ташаккул ва рушди тарбияи хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли синфҳои V-VII, усули дарёфт ва татбиқи технологияи навини таълиму тарбия ва воситаҳои пешқадами амалигардонии ин раванд ироа гардидаанд. Натиҷагириҳои унвонҷӯ аз он дарак медиҳанд, ки ӯ барои дар амал татбиқ намудани вижагиҳои дар руҳияи таҳаммулпазирӣ тарбия намудани насли наврас дар раванди таълими осори классикон дар синфҳои V-VII пешниҳодҳои мушаххас аз таҷриба ва озмоишҳои анҷомдода дар ихтиёр дорад ва он метавонад дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ барои баланд бардоштани самаранокии сатҳу сифати таълим ва рушди маънавии хонандагон саҳми арзишманд гузорад.

Таҳқиқоти Бобоева И.А. ба таври мустақилона, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи асарҳои классикӣ, фалсафӣ, равоншиносӣ, педагогӣ, инчунин тадбиқи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва омӯзишу ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия ва омода гардидааст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки аз тарафи Бобоева И.А. оид ба ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои илмӣ-назариявӣ марбут ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддии назариявӣ ва озмоишӣ-таҷрибавӣ гузаронида шудааст.

Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳод гардида,бо ақидаҳои илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин тахдили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаву хулосаҳои асосии он барои тартиб додани барномаҳои нави таълимӣ ва маводи коркарднамудаи унвонҷӯ ба омӯзгорони фанни адабиёти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бахусус, ба омӯзгорони синфҳои V-VII бобати дар рӯҳияи хислатҳои таҳаммулпазирӣ тарбия намудани хонандагони синфҳои мазкур ба ҳайси як дастури роҳнамо кӯмак хоҳад намуд. Ҳамчунин таҳиягарон ва муаллифон метавонанд, дар нашрҳои баъдии барнома ва китобҳои дарсии фанни адабиёти тоҷик нукоти муҳими дар тадқиқоти мазкур баррасишударо ба инобат гиранд.

Дар нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшуда муаллиф ба таври пурмаъно

бори аввал дар доираи илмҳои педагогию психологӣ маводи барномаву китобҳои дарсии «Адабиёти тоҷик» барои синфҳои V-VII аз диди таҳаммулпазирӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд. Зимни омӯзиши маводи барнома ва китобҳои дарсии фанни адабиёти синфҳои V-VII матнҳои аз осори 5 нафар суханварони маъруфи тоҷик (Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Аттори Нишопурӣ ва Ҷалолуддини Балхӣ) интихобшуда аз диди тарбияи таҳаммулпазирӣ коркард гардид. Муаллиф бо омӯзиш ва таҳлили ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ ва ақоиди олимони соҳа, махсусан, педагогикаи таҳаммулпазирӣ вижагиҳои дар руҳияи таҳаммулпазирӣ тарбия намудани насли наврас дақиқан нишон медиҳад.

Натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ ва асоснокии корҳои озмоишӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола басо дар сатҳи зарурии пойгоҳи илмӣ ба даст оварда шудааст аз моҳияти баланди арзишманди илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика саҳмгузор аст.

Мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-методии нашршудаи муаллиф мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Аз тарафи ӯ дар асоси маводҳои таҳқиқотиаш 14 мақола дар нашрияҳои педагогӣ чоп гардиданд, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВМ ва илми Федератсияи Русия эътирофгашта нашр гардиданд.

**Эрод ва пешниҳод нисбати камбудиҳои мавҷудбуда**

Дар диссертатсия баробари дастовардҳои назарраси илмӣ, баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо ба назар мерасанд, ки таҷдиди назарро талаб мекунанд ва islоҳи он барои боз ҳам ғанӣ гардидани мазмуни рисола мусоидат менамояд:

1. Хусусиятҳои истифодаи технологияи навини тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон дақиқ шарҳ дода шавад.

2. Баъзе натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-тадқиқотӣ ислоҳро металабад зеро, онҳо барои боз ҳам беҳтар намудани сифати илмии он мусоидат менамояд.

3. Дар тарроҳии техникии кори диссертатсионӣ хатоҳои ҷузъӣ дида мешаванд.

Аммо норасоиҳои зикршуда арзишу сифати таҳқиқотро кам намекунанд, ба натиҷаҳои асосии назаривию амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар хулоса қайд кардан лозим аст, ки диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзӯи «Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар раванди таълими осори классикон (дар заминаи эҷодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Ҷомӣ)» кори мустақилонаи тахассусӣ ва дорои аҳамияти назарраси илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 10,11,12,14 и 16 “Низомномаи намунавӣ оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”-и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои соҳиб гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) шоиста мебошад. Аз ин рӯ, диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзӯи «Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар раванди таълими осори классикон (дар заминаи эҷодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Ҷомӣ)» барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” тавсия дода мешавад.

**Муқарриз**
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ
ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Раҳмонов З. П.

16. 05. 2022с.
**Маълумот барои тамос:** 735700, ш. Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: 92 7011555; rahmonov.zp@mail.ru

***Имзои З.П.Раҳмоновро тасдиқ мекунам.***

Сардори РК ва КМ МДТ“Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров” **Наврузов Э.**